Тақвои Парвардигоратонро пеша созед, намозҳои панҷгонаи худро бихонед, моҳи Рамазонро рӯза гиред, закоти молҳоятонро бипардозед ва аз валӣ амри худ итоат кунед, то ба биҳишти Парвардигоратон ворид шавед

Аз Абуумома (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро дар хутбаи Ҳаҷҷи видоъ шунидам, ки гуфт: "Тақвои Парвардигоратонро пеша созед, намозҳои панҷгонаи худро бихонед, моҳи Рамазонро рӯза гиред, закоти молҳоятонро бипардозед ва аз валӣ амри худ итоат кунед, то ба биҳишти Парвардигоратон ворид шавед."

[Саҳеҳ] [رواه الترمذي وأحمد]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) рӯзи Арафа дар Ҳаҷҷи видоъ соли даҳуми ҳичрӣ хутба гуфтанд. Ин ҳаҷро, Ҳаҷҷи видоъ гуфтанд. Зеро Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар он бо мардум видоъ карданд. Ва ҳамаи мардумро амр кард, ки бо иҷрои авомири илоҳи ва дурӣ аз навоҳии Ӯ тақвояшро риоят кунанд. Ва намозҳои панҷгонаи шабонарӯзиро, ки Аллоҳ Азза ва Ҷалла фарз гардонидааст, ба ҷо оваранд. Ва моҳи Рамазонро рӯза доранд. Ва закоти молашонро ба шахсоне, ки сазовор ҳастанд, бидиҳанд ва бахилӣ накунанд. Ва аз касоне, ки Аллоҳ ба унвони фармонраво қарор додаст, дар ғайри маъсияти Аллоҳ итоат кунанд. Пас ҳар ки ин гуфтаҳоро анҷом диҳад, савобаш ворид шудан ба биҳишт аст.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3520